«Тасдиқ мекунам»

Ректори Муассисаи давлатии таълимии

Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи

Носири Хусрав, доктори илмҳои

биологӣ профессор, Давлатзода С. Х.

____________________________

09 ноябри 2023С.

**Тақризи**

**муассисаи пешбар – Муассисаи даввлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав» ба диссертатсияи Табаров Дилшод Давлатхуҷаевич, дар мавзуи: «Ташаккулёбии салоҳиятҳои таҳқиқотии хонандагони синфҳои ибтидоӣ мавриди ташкили озмоиши хонагӣ аз фанни табиатшиносӣ», ки ба ҳимоя барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ, мутобиқи ихтисоси 13.00.02 – назария ва методикаи таълиму тарбия (13.00.02.01- назария ва методикаи таълими фанҳои табиӣ (таҳсилоти миёнаи умумӣ) (биология)).**

Таҳқиқоти диссертатсионии мазкур барои ҳаллу фасли мушкилоти таълиму тарбияи фанҳои табиатшиносӣ ва ташаккули салоҳиятҳои таҳқиқотии хонандагони хурдсол мавриди истифодаи озмоишҳои хонагӣ аз фанни табиатшиносӣ, ки ба яке аз масъалаҳои мубрами илми педагогикаи муосир табдил ёфтааст, сурат гирифтааст. Ҳамчунин интихоби мавзӯи таҳқиқоти диссертатсионӣ бо он алоқаманд аст, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон як қатор барномаҳои давлатие, ба монанди «Рушди илмҳои табиатшиносӣ барои солҳои 2018-2020», «Омӯзиши системанок дар таълими табиатшиносӣ» ва Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз 31.01.2020, №1445 дар бораи эълон намудани солҳои 2020-2040 «Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф» татбиқ шуда истодааст.

**Мубрамият ва робитаи он бо барномаҳои давлатӣ.** Ин дар ҳолест, ки айни замон муносибатҳои ҷамъиятӣ, хусусан муомилот дар бозори меҳнат

мураккаб ва тезутунд гардида, фаъолиятҳои инсон бештар хосияти ҷустуҷӯию эҷодӣ касб намуда истодааст ва фаъолиятҳо танҳо бо доштани салоҳиятҳои таҳқиқотӣ самаранок ва ниёзҳои инсонро қонеъкунанда мегарданд. Раванди таълими фанҳои табиатшиносӣ бошад нерӯи бузурги ташаккулдиҳандаи ин салоҳиятҳоро дошта, поягузорони методикаи таълими табиатшиносӣ дар раванди таълими он гузаронидани озмоиш ва мушоҳидаҳоро ҳатмӣ шуморида қайд менамоянд, ки бе гузаронидани чунин фаъолиятҳои амалӣ таълими самараноки табиатшиносӣ ғайриимкон мебошад. Ва диссертант роҳи ҳалли самараноки масъалаи мазкурро дар ташкил намудани озмоишҳо дар хона дарёфтааст, зеро новобаста аз муаллим ва раванди таълим кӯдак бо таври доимӣ ин гуна фаъолиятҳоро дар хона ҳамчун фаъолиятҳои бозиаш мегузаронад.

Муҳаққиқ мушкилоти асосии асосии таҳсилоти ибтидоии имрӯзаро дар ҷодаи ташаккулёбӣ ва рушди салоҳиятҳои таҳқиқотии хонандагони хурдсол, дар зиддиятҳои объективии зерин дарёфтааст: корҳои озмоишӣ дар раванди таълими табиатшиносӣ имкониятҳои бузурги маърифатӣ дошта бошад, ҳам ҳолати истифодаи он ғайриқаноатбахш сурат мегирад; дар синфҳои ибтидоӣ озмоиш чун амсилаи амалинамоии донишҳои андӯхташуда истифода намегардад; шакли таълимии озмоишӣ яке аз омилҳои заминавии тарбия ва ташаккулдиҳандаи маҳоратҳои таҳқиқотии кӯдак ба шумор меравад, вале амалан он дар таълими табиатшиносии зинаи ибтидоии таҳсилот ба таври кифоя истифода намегардад; новобаста аз раванди таълим, кӯдак фаъолиятҳои таҳқиқотиеро дар шакли бозӣ ва озмоишҳо дар хона иҷро менамояд, вале ин фаъолиятҳо мақсаднокона ба раванди таълим ҳамгиро гардонида намешаванд

Ҳамин тавр, проблемаи асосии таҳқиқот мушкилоти омӯхтанашудаи илмӣ-методии раванди ташаккулёбии салоҳиятҳои таҳқиқотии хонандаи хурдсолро дар раванди гузаронидани озмоишҳои хонагӣ аз фанни табиатшиносӣ ба шумор меравад, ки дараҷаи мубрамияти мавзӯи онро муайян менамояд.

Аз ин лиҳоз, таҳқиқи масъалаи ташкили озмоишҳои хонагӣ дар муассисаҳои таҳсилоти ибтидоии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади ташаккул додани салоҳиятҳои таҳқиқотии хонандагони хурдсол, ниҳоят мубрам арзёбӣ мегардад. Дар диссертатсия аз ҷониби унвонҷӯй қоидаҳо ва принсипҳои дидактикии истифодаи озмоишҳои хонагӣ, бо мақсади ташаккули салоҳиятҳои таҳқиқотии хонандагони хурдсол мавриди баррасӣ қарор гирифта, роҳҳои методии ташкил ва технологияҳои татбиқи онҳо коркард гардида, самаранокиашон дар озмоишӣ педагогӣ санҷида шудааст.

Таҳқиқоти диссертатсионӣ дар доираи татбиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таҳсилоти иловагӣ», Стратегияи миллии рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2020 (аз 30-юми июни соли 2012), Стандартҳои фанҳои зинаи таҳсилоти ибтидоӣ, Консепсияи миллии тарбия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, Консепсияи миллии таҳсилот дар Ҷумҳурии Тоҷикистон «Рушди илмҳои табиатшиносӣ барои солҳои 2018-2020», «Омӯзиши системанок дар таълими табиатшиносӣ» ва иҷро гардида, махсусан дар амалисозии барномаи «Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф барои солҳои 2020-2040» нақши муҳим бозида метавонад.

Технологияи аз ҷониби муаллиф пешниҳод гардида тасаввуротро доир ба истифодаи озмоишҳои хонагӣ дар ҷодаи ташаккули салоҳиятҳои таҳқиқотии хонандагони хурдсол, воситахои татбиқи ин ақидаҳо ва самаранокии натиҷаҳои онҳоро дар асоси қонунҳо ва принсипҳои дидактикӣ ниҳоят васеъ ва чуқур менамояд.

**Аҳамияти назариявии натиҷаҳои таҳқиқот.** Диссертант аҳаммияти назариявии натиҷаҳои таҳқиқотро бо ошкор намудани дараҷаи имкониятҳои фаъолиятҳои беруназдарсӣ ва озмоишҳои хонагии хонандагонии хурдсол дар ташаккулёбии салоҳиятҳои таҳқиқотиашон, дар мутобиқат бо барномаи таҳсилоти ибтидоӣ он асоснок намудааст. Диссертант муайян намулааст, ки барои ташакулёбии салоҳиятҳои таҳқиқотии хонандаи хурдсол системаи қоидаҳои ташкили фаъолиятҳои беруназдарсӣ дар шакли озмоишҳои хонагӣ самаранок истифода гардида, кушояндаи роҳҳои коркарди самтҳои фардии

маълумотгирии хонандагон дар синфҳои ибтидоӣ бо такя ба таҷрибаи субъективии шахсиашон ба шумор меравад. Шароити амалинамоии неруи ташаккулдиҳандаи фаъолиятҳои берун аз муассисаи таълимии хонандаи хурдсол, дар шакли озмоишҳои хонагӣ, дар раванди ташаккулёбии салоҳиятҳои таҳқиқотиашон баён гардида, зарурияти давом додани таҳқиқотро барои мувофиқгардонии ин фаъолиятҳо дар сохтори таҳсилоти ибтидоӣ ошкор менамояд.

**Аҳамияти амалии натиҷаҳои таҳқиқот.** Диссертант хусусиятҳои меъёрӣ-дараҷавии ташаккулёбии салоҳиятҳои таҳқиқотии хонандаи хурдсолро муайян намуда, имкониятҳои тезонидани динамикаи рушди онҳоро дар пайдошавии шавқи устувор барои аз худ кардани малакаҳо ва истифодаи он малакаҳо дар ҳаёти воқеиашон, коркарди тарзҳои ташхиси онҳо ва тарҳрезӣ намудани ташаккулёбии онҳоро нишон додааст.

Дар рисолаи мазкур, фаъолиятҳои беруназсинфии хонандаи хурдсол дар шакли озмоишҳои хонагӣ, ки ба ташакулёбии салоҳиятҳои таҳқиқотиашон дар зинаҳои гуногун (шавқмандӣ-тайёрӣ, фаъолиятӣ-ҷустуҷӯӣ, баҳогузорӣ-натиҷагирӣ) нигаронида шуда буданд, ташкил карда шуда, мақсадҳо ва вазифаҳои онҳо мазмунан ва комилан муайян гардонида шуда, методҳои дар зинаҳои алоҳидаи ташаккулёбии салоҳиятҳо истифодагардида асоснок ва самаранокии истифодаи неруи фаъолиятҳои беруназдарсӣ ва озмоишҳои хонагӣ дар раванди ташаккулёбии салоҳиятҳои таҳқиқотии хонандаи хурдсол исбот гардиданд.

Аз ҷиҳати педагогӣ-психологӣ пайгирӣ намудани раванди ташаккулёбии салоҳиятҳои таҳқиқотии хонандаи хурдсол, ҳамчунин маҷмуи методҳои баҳогузории сатҳи ташаккулёбии салоҳиятҳо, ба муҳаққиқ имконият додааст, ки дараҷаи маълумотгирии хонандаро ташхис, коркард ва амалӣ намуда, масири рушди бонизоми кӯдакро таҳия ва амалӣ намояд. Дар рисолаи диссертатсионӣ системаи воситаҳои ташаккулёбии малакаҳои таҳқиқотии хонандаи хурдсол дар шароити корҳои беруназдарсӣ ва махсусан, озмоишҳои хонагӣ муайян ва тасдиқ гардида, модели фаъолияти беруназдарсӣ ва мустақилонаи хонагии хонандаи

хурдсол ба омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ дар ҷодаи ба нақшагирии барномаҳои корҳои беруназдарсӣ ва озмоишҳои хонагӣ таҳия гардида аст.

Барномаи курси фаъолиятҳои беруназсинфӣ ва озмоишҳои хонагӣ бо мақсади ташаккул додани салоҳиятҳои таҳқиқотии хонандагони хурдсол, барои синфҳои 1-4 пешниҳод гардида дар арафаи баҳогузории коршиносон ва нашр қарор дорад.

Натиҷаҳои ба даст омадаро метавонанд омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти ибтидоӣ, муасиссаҳои таҳсилоти иловагӣ бо таври васеъ истифода намоянд ва барои ҷустани роҳҳои нави халли мушкилоти педагогии ташаккулёбии салоҳиятҳои таҳқиқотии хонандаи хурдсол дар шароити фаъолиятҳои беруназдарсӣ ва озмоишҳои хонагӣ, дар фаъолиятҳои амалии таҳсилоти ибтидоии муосир асос намоянд.

Рисолаи диссертатсионӣ аз мундариҷа, муқаддима, ду боб, рӯйхати адабиёти истифодашуда иборат буда дар маҷмӯъ 219, аз ҷумла аз он 193 саҳифаашро мазмуни диссертатсия ташкил медиҳад.

Муқаддимаи рисола бо таври умумӣ тавсиф ва мубрамияти мавзуи таҳқиқотиро дар бар гирифта фаъолияти таҳқиқотӣ асоснок, ҳадаф, объект, предмет, фарзия ва вазифаҳои таҳқиқот муқаррар, навгониҳои таҳқиқот, аҳамияти назариявӣ ва амалии он давоми мантиқии якдигар буда, муқарраротн асосӣ, ки ба ҳимоя пешниҳод гардидаанд, нишон дода шудааст.

**Боби якуми рисола** «Асосҳои назариявӣ-методологии ташаккулёбии салоҳиятҳои таҳқиқотии хонандагони синфҳои ибтидоӣ дар раванди гузаронидани озмоишҳои хонагӣ аз фанни табиатшиносӣ» ном дошта аз ду зербоб иборат мебошад. Дар зербоби якум «Мазмун ва моҳияти мафҳумҳои «салоҳият», «салоҳиятнокӣ», «салоҳиятҳои таҳқиқотӣ» ва асосҳои психологӣ-педагогии ташаккулёбии онҳо дар хонандагони синфҳои ибтидоӣ», ки ба таҳлили таърих ва масъалаҳои умумии омӯзиши соҳаи педагогика ва психология дар самти ташаккулёбии маҳорату малака ва дар маҷмуъ салоҳиятҳои таҳқиқотии хонандагони хурдсол мавриди гузаронидани чорабиниҳои беруназсинфӣ ва беруназмактабии мустақилона, махсусан гузаронидани озмоишҳо дар хона бахшида

шудааст. Дар ин боб мафҳумҳои асосӣ шарҳи худро ёфта, қонуниятҳо, шароит, ҳамчунин заминаҳои ташаккулёбии салоҳиятҳо муайян гардидааст. Таҳлили адабиётҳои психологӣ-педагогӣ ба унвонҷӯй имкон додаанд муайян намояд, ки проблемаи ташаккулёбии салоҳиятҳои озмоишӣ-таҳқиқотӣ, омилҳо, шароит ва инкишофи он, дар педагогика нав набуда таърихи тӯлонӣ дошта мавзуи омӯзиш ва таҳқиқи олимони зиёди педагогика ва психология қарор гирифта будааст. Ин масъала хусусияти иҷтимоӣ дошта омӯзиш ва баррасии он зарур ва айни замонӣ мебошад. Муаллиф ба хулосае омадааст, ки ташаккулёбии маҳорату малака ва салоҳиятҳои тақиқотиро мақсаднокона, аз синфҳои ибтидойоғоз намудан лозим аст, зеро дар ин давра ба фазои зеҳнӣ-фардии шахсияти кӯдак таъсир расонидан осонтар ва самарбахш мебошад. Дар зербоби дуюм мафҳумҳои «рафтори таҳқиқотӣ», «фаъолияти тақиқотӣ», «маҳорати таҳқиқотӣ», «малакаи таҳқиқотӣ» ва «салоҳияти таҳқиқотӣ», ки дар ташаккули салоҳиятҳои таҳқиқотии хонандагон дар рафти гузаронидани озмоишҳои хонагӣ накши калидироо мебозанд шарҳу тавсиф ёфта ҳолати воқеии истифодаи онҳо дар раванди таълим мавриди таҳлилу баррасӣ қарор гирифтааст

Таҳлили адабиётҳои психологӣ-педагогӣ ба муҳаққиқ имкон додааст, ки омилҳои ангезандаи рафтори таҳқиқотиро чунин муайян намояд:

1) навигарии объекти таҳқиқот ва ҳолати таҳқиқотӣ;

2) мураккабӣ (дар вақти интихоби мавзуи таҳқиқот бояд дараҷаи мураккабии таҳқиқот дар алоқамандӣ бо хусусиятҳои синну солӣ, физиологӣ-психологии кӯдак ба назар гирифта шавад, зеро мавзуи бисёр содда шавқмандии кӯдакро кам намуда, мавзуи бисёр мураккаб кӯдакро дилгир ва рӯҳафтода менамояд).

3) номуайянӣ (ғайримуқаррарӣ, ғайриоддӣ);

4) зиддиятнокии ахборот (якдгарро инкор намудан ва ё ихтилоф доштани ҷузъҳои ахбор).

Принсип ва вазифаҳои фаъолиятҳои таҳқиқотии беруназсинфӣ дар шакли озмоишҳои хонагиро таҳия намуда, вазифаҳои онро барои ҳар як зинаи таҳсилоти ибтидоӣ муайян кардааст.

**Боби дуюми диссертатсия** «Хусусиятҳои методии ташаккулёбии салоҳиятҳои таҳқиқотӣ-озмоишии хонандагони синфҳои ибтидоӣ дар раванди гузаронидани озмоишҳои хонагӣ аз фанни табиатшиносӣ», низ аз ду зербоб иборат аст. Дар зербоби аввал «Методикаи ташаккулдиҳии салоҳиятҳои таҳқиқотӣ-озмоишии хонандагони синфҳои ибтидоӣ дар рафти гузаронидани озмоишҳо дар хона аз фанни табиатшиносӣ» роҳҳои ташкили фаъолиятҳои мустақилонаи таълимии дар хона гузарандаро дар шакли озмоиш ва мушоҳидаҳо амсиласозӣ намуда ташхиси дараҷаҳои ташаккулёбии салоҳиятҳоро дар сатҳҳои ташкили-амалӣ, ҷустуҷӯӣ, ахборотӣ, ва рефлексивӣ ҷудо намудааст.

Муайян карда шудааст, ки корҳои мустақилонаи озмоишии хонандагони хурдсол дар хона, дар ташаккул додани шавқмандии маърифатии онҳо нисбати олами иҳотанамудаашон нақши бузург бозидаба ташаккули салоҳиятҳои таҳқиқотӣ мусоидат менамояд.

Натиҷаҳои таҳқиқоти ташхисӣ нишон додаанд, ки қариб ҳамаи хонандагони хурдсол барои гузаронидани фаъолиятҳои озмоишӣ шавқманд мебошанд.

Диссертант натиҷаҳои ташхисро аз рӯи меъёрҳои зеррин арзёбӣ намудааст:

- ҳосилшавии шавқмандии кӯдак ба фаъолияти таҳқиқотӣ;

- ҳосилшавии маҳоратҳои таҳқиқотӣ ва тайёр гардидан ба истифода намудани онҳо;

- нишон додани ташаббус ва истифодаи роҳҳои гуногуни ғайримаъмулии ҳалли проблемаи гузошташуда;

- нишон додани мустақилият дар фаъолиятҳои ҷӯяндагӣ ва таҳқиқотӣ-ҷӯяндагӣ.

Зербоби дуюм «Озмоиши хонагӣ аз фанни табиатшиносӣ ҳамчун воситаи шавқмандгардонии хонандаи хурдсол ба фанҳои табиӣ ва дар озмоиши педагогӣ санҷидани самаранокии он», пурра ба таҳлил, таркиб,

муқоиса, ҷамъбаст ва хулосабароии натиҷаҳои озмоиши педагогӣ бахшида шудааст.

Натиҷаҳои ташхис нишондоданд, ки ҳосилшавии салоҳиятҳои таҳқиқотӣ дар хонандагони хурдсол дар ибтидои таҳқиқот ҳам дар гурӯҳҳои санҷишӣ ва ҳам дар гурӯҳҳои озмоишӣ бисёр паст буд (нишондиҳандаи сатҳи мутобиқшавӣ дар гурӯҳҳои саҷишӣ 22% ва дар гурӯҳҳои озмоишӣ 21%-ро дар синфҳои якум ташкил мекард).

Дар гурӯҳҳои санҷишӣ нишодиҳандаи маҳорати хониш нисбати гурӯҳҳои озмоишӣ ба таври назаррас паст мушоҳида гардид. Натиҷаҳои бозиҳои инкишофдиҳандаи тафаккур, аз рӯйи шумораи иштироккунандагон дар гурӯҳҳои санҷишӣ ва озмоишӣ таносубан 1:3 – ро ташкил намуда, ҷойҳои якум ва дуюмро гурӯҳҳои озмоишӣ ишғол намудаанд.

Дар асоси натиҷаҳои таҳлили ниҳоии таҳқиқот ба хулосае омадааст, ки сатҳи рушди салоҳияти таҳқиқотӣ дар сатҳи маҳсулнокӣ дар гурӯҳҳои таҷрибавӣ мутаносибан аз 21% то 60% афзоиш ёфт, ин нишондод дар гурӯҳҳои назоратӣ бошад, аз 22% то 26% -ро ташкил додааст, ки ин самаранокии методикаи пешниҳоднамударо нишон медиҳад.

**Навгониҳои илмии таҳқиқотро** ташкил медиҳанд: мазмун ва мундариҷаи озмоиши хонагӣ аз фанни табиатшиносии синфҳои ибтидоӣ аниқ ва дақиқ карда шуда, имкониятҳои он, ки дар зинаи ибтидоии таҳсилот боиси ташаккулёбии салоҳиятҳои таҳқиқотии хонандагони хурдсол мегарданд, муайян гардиданд.

Ҳамчунин роҳу усулҳои самараноки ташкили озмоишҳои хонагӣ аз табиатшиносӣ, ки боиси баландшавии сифати таълим мегарданд, ошкор гардида, роҳҳои методии шавқманд гардонидани хонандагони синфҳои ибтидоӣ ба фанҳои табиатшиносӣ амалан санҷида шудааст.

Диссертатсия натиҷаи таҳқиқоти илмии мустақилона ва эҷодкоронаи муаллиф буда, дар кафедраи методикаи таҳсилоти ибтидоии ДДОТ ба номи Садриддин Айнӣ навишта шудааст. Мавзӯъ, ҳадаф ва усулҳои таҳқиқотро муаллиф мантиқан муайян кардааст. Тавассути таҳқиқоти

мазкур дар раванди татбиқи, муносибати босалоҳият ба раванди таълим, рафти ташаккулёбии салоҳиятҳои таҳқиқотӣ дар зинаи ибтидоии таҳсилот мавриди омӯзиш қарор гирифтааст.

**Саҳеҳияти натиҷаҳои таҳқиқот** бо натиҷаҳои ниҳоии методологии асосноки назарияи пешниҳодшуда тасдиқ гардида, бо истифодаи системаи методҳои мувофиқи таҳқиқотӣ, баҳогузории самаранокии раванди ташаккулёбии салоҳиятҳои таҳқиқотӣ, муқоисаи натиҷаҳои озмоиши педагогӣ самаранокии ташаккулёбии салоҳиятҳои таҳқиқотии хонандагони хурдсолро дар шароити озмоишҳои хонагӣ исбот менамояд.

Қайд кардан бамаврид аст, ки диссертатсия аз ҷиҳати мазмуну муҳтаво, масъалагузорӣ, таҳлил ва бардошти хулосаҳо мубрам буда, муаллифи он бо такя ба пажуҳишоти фароҳамовардааш дуруст хулосабарорӣ намудааст. Ба хотири амиқ дарк кардани моҳияти масъала муҳаққиқ дар диссертатсияи хеш аз диаграмма ва ҷадвалҳои шарҳдиҳанда истифода кардааст.

Дар диссертатсия баробари муваффақиятҳо баъзе норасоиҳо низ ба назар мерасанд, ки ислоҳи онҳо боиси боз ҳам баланд шудани сатҳу сифати кор хоҳад буд:

1.Унвонҷӯ ҳангоми таҳқиқот асосан барои коркард ва амалисозии имкониятҳои ташкили фаъолияти таълимӣ-таҳқиқотии хонандагони хурдсол дар шакли озмоишҳои хонагӣ диққат додааст, аммо хуб мешуд ба масъалаи таёр намудани омӯзгорони оянда синфҳои ибтидоӣ барои ташкили машғулиятҳои мазкур низ дахл менамуд.

2. Феҳристи адабиёти истифодашуда агар ба ҷузъҳо аз қабили китобҳо, маҷаллаҳо, монография, диссертатсия ва авторефератҳо ҷудо менамуд хӯбтар мебуд.

3. Дар диссертатсия ва автореферат баъзе хатогиҳои имлоиву услубӣ ба назар мерасанд. Эродҳои овардашуда ҷузъӣ буда, арзиши асосии назариявию амалии диссертатсияро коҳиш намедиҳад.

Мазмуни диссертатсия дар 19 мақола, аз он ҷумла 10 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва КОА-и Вазорати маориф ва илми Федератсияи Россия чоп гардидаанд.

Автореферати диссертатсия дар сатҳи баланд таълиф гардида, ба матни диссертатсия мувофиқ ва тасаввуроти аниқро доир ба моҳияти таҳқиқоти гузаронидашуда ва натидаҳои бадастомада медиҳад.

Ҳамин тавр, диссертатсияи илмии диссертатсияи Табаров Дилшод Давлатхуҷаевич, дар мавзуи: **«Ташаккулёбии салоҳиятҳои таҳқиқотии хонандагони синфҳои ибтидоӣ мавриди ташкили озмоиши хонагӣ аз фанни табиатшиносӣ»,** ки ба ҳимоя барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ, мутобиқи ихтисоси 13.00.02 – назария ва методикаи таълиму тарбия (13.00.02.01- назария ва методикаи таълими фанҳои табиӣ (таҳсилоти миёнаи умумӣ) (биология)) пешниҳод намудааст, кори илмӣ-таҳқиқотии анҷомёфта буда, масъалаи мубрами рӯзро таҷассум менамояд. Диссертатсия дорои аҳамияти илмӣ-амалӣ буда, ба талаботи бандҳои 31-35-и Низомномаи КОА-и Ҷумҳурии Тоҷикистон оид тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, пурра ҷавобгӯ буда, муаллифи он барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ, мутобиқи ихтисоси 13.00.02 – назария ва методикаи таълиму тарбия (13.00.02.01-назария ва методикаи таълими фанҳои табиӣ (таҳсилоти миёнаи умумӣ) (биология)) арзанда мебошад.

Хулоса аз ҷониби ШИМ факултети химия ва биологияи ДДБ ба номи Носири Хусрав д.и.х., дотсент Қурбонов А. тартиб дода шуда, дар ҷаласаи кафедраи методикаи таълими фанҳои табиатшиносӣ аз 08 ноябри соли 2023, протоколи №3 тасдиқ шудааст.

Дар ҷаласа 7 нафар иштирок карданд.

Натиҷаҳои овоздиҳӣ:

“тарафдор” – 7 нафар;

“зид” – нест;

"бетараф" – нест.

Қарор якдилона қабул карда шуд.

**Раиси ҷаласа**:
раиси ШИМ-и факултети химия ва биологияи ДДБ ба номи Носири Хусрав, н.и.х., дотсент, — Ятимов П.М.

**Котиби ҷаласа:**
мудири кафедраи методикаи таълими фанҳои табиатшиносии ДДБ ба номи Носири Хусрав, н.и.п., — Расулзода С.П.

Имзои Ятимов П.М. ва Расулзода С.П. – ро тасдиқ мекунам:
Сардори ШК ва КМ ДДБ ба номи Носири Хусрав — Шукурзод Ҷ.А.

**Суроғаи муассисаи пешбар:**
735140. ҶТ, ш. Бохтар, кӯчаи Айнӣ, 67 Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав
Тел.: (+992 -32-22), 2-45-20, 2-22-53, (+992985154233);
Evail: ktsu78@mail.ru, Web-сайт: www.ktsu.edu.tj

«09» ноябри соли 2023